*(Маърӯзаи директори Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатов Ҷ.М дар конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Саҳми Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккул ва рушди хизмати давлатӣ», 13 октябри соли 2023, шаҳри Душанбе, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон)*

**Мавзӯъ: Ташкили хизмати давлатӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ**

Дар даврони соҳибистиқлолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз баракати сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар марҳилаи навини давлатсозӣ қадамҳои устувор гузошта шуда, аркони давлатдорӣ қавӣ, давра ба давра нақшаҳои азими бунёдкорӣ татбиқ, барои рушди бомароми иқтисодиёти мамлакат ва рӯзгори осудаю шоистаи мардум замина фароҳам оварда шуд.

Дар доираи ин сиёсат ба такмили низоми идоракунии давлатӣ ва ташаккули хизмати давлатӣ ҳамчун ба яке аз масъалаҳои калидии давлатдорӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда шуда, дар тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ силсилаи тадбирҳои судманд ҳадафмандона амалӣ гардиданд.

Дар ин давраи кӯтоҳи таърихӣ бо андешидани тадбирҳои пай дар пай Тоҷикистон якчанд марҳилаи ислоҳоти идоракунии давлатиро тай намуда, дар эъмори давлатдории муосир ва ташаккули хизмати давлатии касбӣ қадамҳои устувор гузошт.

Қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 асоси ташаккул ва таҳкими идоракунии давлатии муосир ва хизмати давлатии касбӣ дониста мешавад.

Дохил гардидан ба хизмати давлатӣ яке аз ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон ба ҳисоб рафта, ин меъёр дар қисми дуюми моддаи 27 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (шаҳрвандон ба хидмати давлатӣ ҳуқуқи баробар доранд) ифода ёфтааст.

Меъёри мазкур ба банди «е» моддаи 25 Паймони байналмиллал оид ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ пурра мувофиқат мекунад, ки дар он гуфта шудааст «ба ҳар як шаҳрванд дар кишвари худ бояд бе ҳеҷ гуна поймолкунӣ ва маҳдуднамоии беасос тибқи шарту шароити барои ҳама баробар ҳуқуқу имконияти иштирок кардан дар хидмати давлатӣ дода шавад» пешбинӣ шудааст.

Меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба волоияти Конститутсия ва санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инсондӯстӣ ва адолати иҷтимоӣ, садоқат ба Ватан ва халқи Тоҷикистон, дунявият, дастрасии хизмати давлатӣ ба принсипҳои хизмати давлатӣ табдил ёфта, ҷавҳари фаъолияти хизматчиёни давлатиро ташкил медиҳанд.

Аввалин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» бо ташаббуси қонунгузории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод, қабул ва аз 13 ноябри соли 1998 ба имзо расида, амалисозии он барои бунёди хизмати давлатии муосири Тоҷикистон пойдевори устувор гузошт.

Бо мақсади ташкили идоракунии бонизом ва самараноки хизмати давлатӣ 25 январи соли 2001 бо ташаббус ва фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ-Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Ташкили ин ниҳод боз як қадаме дар роҳи таъминоти кадрӣ ва ба ҳамин роҳ таъмини фаъолияти самараноки мақомоти давлатӣ, тақвияти идоракунии давлатӣ ва хизматрасонии давлатӣ ба аҳолӣ маҳсуб мегардад.

Дар марҳилаи минбаъда Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 апрели соли 2005 зарурати таҳияи лоиҳаи нави Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ»-ро мувофиқ ба стандартҳои муосири хизмати давлатӣ таъкид намуд.

Дар робита ба ин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» дар пояи таҷрибаи андухта, меъёрҳои эътирофшуда ва таҷрибаи ҷаҳонӣ такмил дода шуда, аз 5 марти соли 2007 дар таҳрири нав қабул гардида, заминаи воқеии ислоҳоти хизмати давлатиро фароҳам оварда, барои рушди он роҳ кушод. Қонуни мазкур дар солҳои минбаъда тавассути ворид намудани тағйиру иловаҳо борҳо такмил дода шуда, ба шароити муосир мувофиқ карда шуд.

Дар самти ташкил, такмил ва таҳкими заминаҳои ҳуқуқии хизмати давлатӣ дар давоми 23 соли ташаккулёбӣ ва рушди соҳа мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ дар таҳияи санадҳои барномавӣ ва меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ ва амалисозии онҳо, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ дар ин соҳа, назорати иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ дар фаъолияти мақомоти давлатӣ, баррасии муроҷиатҳои хизматчиёни давлатӣ ва шаҳрвандон мусоидат намуд.

Дар маҷмӯъ, бо мақсади танзими масъалаҳои соҳаи хизмати давлатӣ беш аз 200 санади меъёрии ҳуқуқӣ ва барномавӣ таҳия ва қабул карда шуданд.

Аз ҷумла, бо назардошти муҳимияти масъалаҳои идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ як қатор консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои муҳими давлатии дорои амалияи кӯтоҳмуҳлат, миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат қабул гардида, бо ҷалби маблағҳои буҷети давлатӣ ва саҳмгузории шарикони рушд давра ба давра роҳандозӣ гардиданд.

Дар ин радиф бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2006, №1713 Стратегияи ислоҳоти системаи идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расид, ки яке аз фаслҳои он ба ислоҳоти хизмати давлатӣ равона гардида, татбиқи он, дар маҷмӯъ, ба ислоҳоти хизмати давлатӣ такон бахшид. Бар асоси Стратегияи мазкур, ки фаъолиятро оид ба ислоҳоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2005-2015 муайян намуд, санади барои рушди хизмати давлатӣ муҳим-Консепсияи ислоҳоти хизмати давлатии

Тоҷикистон таҳия ва бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2007, №289 тасдиқ карда шуд.

Ҳамзамон бо мақсади ноил шудан ба мақсаду вазифаҳои гузошташуда Барномаи ислоҳоти хизмати давлатии Тоҷикистон таҳия ва бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2007, №448 тасдиқ гардид. Дар Барномаи мазкур мақсаду вазифаҳо, мухлат ва марҳилаҳои асосии татбиқ, чорабиниҳои мушаххас ва маблағгузории онҳо, мониторинги иҷро, натиҷаҳои ниҳоӣ ва механизми татбиқ нишон дода шуд.

Ҳадафи асосии ислоҳоти хизмати давлатии Тоҷикистон- таъсиси хизмати давлатии касбӣ ва таъмини ҷолибияти он дар тамоми сатҳҳои идоракунии давлатӣ муайян шуд, зеро самаранокии фаъолияти мақомоти давлатиро маҳз хизматчиёни давлатии дорои касбияту қобилияти баланд таъмин карда метавонанд.

Ба ғайр аз ин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 25 апрели соли 2008 дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади рушди ниҳоди хизмати давлатӣ принсипҳои қабул ба хизмати давлатӣ ва самтҳои асосии фаъолияти хизматчиёни давлатиро пешниҳод намуданд, ки тибқи ин таъбир «сатҳу сифати идоракунии давлатӣ ба донишу таҷриба, маҳорату малака, масъулиятшиносиву ташаббускорӣ ва сифатҳои касбиву кордонии хизматчиёни давлатӣ вобаста аст. Хизмати давлатӣ асоси сиёсати давлатии кадрҳо буда, қабл аз ҳама ба ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва таъмини фаъолияти самараноки мақомоти давлатӣ нигаронида шудааст».

Дар идомаи тадбирҳои ба рушди низоми хизмати давлатӣ нигаронидашуда Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008, №582 ва Барномаи татбиқи Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2016 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2009, №252 тасдиқ ва амалӣ карда

шуданд, ки барои ислоҳоти идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ нақши муҳим бозиданд.

Барои идомаи ислоҳоти идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ ва ба таҷрибаи эътирофшудаи байналмилалӣ мутобиқ намудани хизмати давлатии Тоҷикистон бо шариконии рушд, аз ҷумла Бонки Ҷаҳонӣ, Иттиҳоди Аврупо ва дигар давлатҳои алоҳида ҳамкории судманд роҳандозӣ карда шуд. Тӯли солҳои 2007-2016 мутахассисони сатҳи байналмилалӣ ба раванди ислоҳоти хизмати давлатии Тоҷикистон ҷалб карда шуданд. Дар баробари мусоидат дар ташкили хизмати давлатии касбии Тоҷикистон ва расонидани кумакҳои техникӣ, омӯзиш ва табодули таҷрибаи давлатҳои дар самти хизмати давлатӣ пешрафта, аз ҷумла, бо ташкили сафарҳои хизматии омӯзишии мутахассисони соҳаи хизмати давлатии Тоҷикистон таҷриба гардид.

Дар доираи татбиқи санадҳои зикргардида, ки дар маҷмӯъ ба тақвияти рушди минбаъдаи хизмати давлатӣ ва баланд бардоштани самаранокии он нигаронида шуданд, иқдомҳои пайдарпай ва мувофиқашуда ҷиҳати ташкили хизмати давлатии касбӣ ва ҷавобгӯй ба талаботи муосир роҳандозӣ гардиданд.

Аз ҷумла, бо мақсади тақвият бахшидани мақом ва самтҳои фаъолияти мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ дар асоси фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 ноябри соли 2013, №12 «Дар бораи такмили сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуд.

Самаранокии фаъолияти касбӣ дар идоракунии давлатӣ ва хизматрасонӣ ба аҳолӣ пеш аз ҳама аз интихобу ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо бо назардошти ба инобат гирифтани донишҳои касбӣ ва қобилияти кории онҳо вобаста мебошад.

Бо мақсади таҳким бахшидани иқтидори кадрии мақомоти давлатӣ тавассути истифодаи василаҳои интихобу ҷобаҷогузории дурусти ҳайат, муайян намудани самаранокии

саҳми хизматчии давлатӣ дар татбиқи вазифаҳои мақоми давлатӣ аз тариқи иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ, баланд бардоштани масъулияти хизматчии давлатӣ, таъмини болоравии мансабии хизматчии давлатӣ силсилаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар робита ба масъалаҳои кадрсозӣ таҳия, қабул ва амалӣ карда шуданд.

Аз ҷумла, бо мақсади танзими мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раддабандии онҳо бо фармонҳои дахлдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маротибаи аввал соли 2002 ва сипас солҳои 2008 ва 2016 Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав таҳия, тасдиқ ва роҳандозӣ гардид.

Бо мақсади таъмини баробарҳуқуқии шаҳрвандон ба хизмати давлатӣ, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои баландихтисос ва салоҳиятнок ба хизмати давлатӣ, инчунин таъмини болоравии касбии хизматчиёни давлатӣ бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 августи соли 2004, №1384 дар таҷрибаи Тоҷикистон маротибаи аввал Низомномаи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ ба тасвиб расида, озмун барои ишғоли мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ ҳамчун яке аз василаҳои асосии интихобу ҷобаҷогузории кадрҳо таҷриба гардид.

Дар ин давра бо мақсади таъмини бештари шаффофият ҳангоми баргузории озмунҳо, тақвият бахшидани иштироки занон ва ҷавонон дар хизмати давлатӣ ва ҳалли масъалаҳои дигаре, ки аз амалияи гузронидани озмунҳо бармеояд, тартиби баргузории озмун борҳо такмил дода шуда, санади мазкур чор маротиба дар таҳрири нав таҳия ва қабул, аз ҷумла маротибаи охирин бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 марти соли 2016, №647 қабул карда шуд, ки он низ борҳо такмил дода шуд.

Таҳлил нишон медиҳад, ки сол аз сол теъдоди довталабон барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ дар

мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот меафзояд.

Дар солҳои 2005-2023 дар мақомоти давлатӣ 5596 озмун гузаронида шудааст, ки 78934 нафар шаҳрванд ба ҳайси довталаб барои ишғоли 56050 мансаби мақомоти давлатӣ дар онҳо иштирок намудаанд. Аз ин шумора 37532 нафар ба мансабҳои давлатӣ таъин карда шудаанд.

Агар соли 2011 шумораи миёнаи иштироки довталабон ба ҳар як мансаби холӣ 1,1 нафар бошад, ин нишондод дар соли 2016 1,4 ва солҳои 2020-2023 1,6-1,7 нафарро ташкил медиҳад.

Василаи дигари муҳими кадрсозӣ, ки дар ин давра мувафақона роҳандозӣ гардид, аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ мебошад, ки тибқи Низомномаи тартиб ва шартҳои гузаронидани аттестатсияи хизматчиёни давлатии маъмурӣ (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2008, №468) доир гардида, ба таҳкими иқтидори кадрии хизмати давлатӣ, баланд бардоштани масъулияти хизматчии давлатии маъмурӣ барои иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ, таъмини болоравии мансабии хизматчиёни давлатии маъмурӣ, ҳавасмандгардонии фаъолияти самараноку сифатнок ва пешбинӣ намудани чораҳо оид ба такмили ихтисоси онҳо равона карда шудааст.

Соли 2011 бо мақсади роҳандозии усулҳои наву муосири муайян намудани натиҷаҳои фаъолияти хизматчиёни давлатӣ, ки омили боз ҳам самаранок гардидани нишондиҳандаҳои корӣ арзёбӣ мегардад, механизми баҳодиҳии фаъолияти хизматчиёни давлатии маъмурӣ (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 феврали соли 2011, №1018 «Оид ба тасдиқи Қоидаҳои гузаронидани баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон») ҷорӣ карда шуд.

Аз таҷрибаи татбиқи ин василаи кадрӣ зарурати такмили он муайян гардида, вобаста ба арзёбӣ намудани мувофиқати сифатҳои касбӣ ва қобилияти кории хизматчии давлатӣ ба мансаби ишғолнамуда ва ба таври мушаххас муайян кардани натиҷаҳои фаъолияти хизматчии давлатӣ Қоидаҳои

гузаронидани баҳодиҳии фаъолияти хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 июли соли 2019, №1287 дар таҳрири нав қабул ва мавриди иҷро қарор дода шуданд.

Баҳодиҳии фаъолияти хизматчиёни давлатӣ тартиби муайян кардани натиҷаҳои фаъолияти хизматчии давлатӣ бо роҳи ҷамъбасти фаъолияти яксола ва гузаронидани суҳбат дар бораи сатҳи иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ, дараҷаи комёб шудан ба натиҷаҳои пешбинишудае, ки ба мақсаду вазифаҳои мақоми давлатӣ ва воҳидҳои сохтории он мувофиқат мекунад, мебошад.

Агар аттестатсия дар се сол як маротиба баргузор гардида, дар он бештар донишҳои назариявӣ ва ҳамчунин бо роҳи пурсиш натиҷаҳои фаъолият арзёбӣ шаванд, баҳодиҳии фаъолият ҳамасола дар охири моҳи декабр гузаронида шуда, имконияти натиҷагирии фаъолияти инфиродии ҳар як кормандро дар назди роҳбари бевосита ва роҳбари мақоми давлатӣ ҷиҳати иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ фароҳам меорад.

Мақсади баҳодиҳии фаъолият ин назорати мунтазами раванди адои хизмати давлатӣ, ҷамъ намудани иттилоот дар бораи иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ, муайян намудани тарафҳои мусбӣ ва манфии фаъолияти хизматчии давлатӣ аст. Аз ҷамъбасти баҳодиҳӣ бояд натиҷаҳои мусбӣ қадрдонӣ гардида, барои бартараф намудани паҳлуҳои манфии фаъолият тадбирҳои мушаххас андешида шаванд.

Дар хизмати давлатии шаҳрвандии Тоҷикистон то соли 2010 тартиби ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатӣ пешбинӣ нашуда, бо мақсади пешгирии ҳолатҳои коррупсионӣ, бархурди манфиатҳо ва истифодаи оқилонаи иқтидорҳои кадрӣ аз 11 марти соли 2010 ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» тағйиру иловаҳо, аз ҷумла моддаи $26^1$ (Ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатӣ) ворид карда шуданд.

Ҷиҳати татбиқи меъёри мазкур бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 майи соли 2011, №1074 «Дар бораи

тасдиқи Қоидаҳои гузаронидани ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Қоидаҳои ҷойивазкунӣ тасдиқ карда шуда, минбаъд соли 2019 дар таҳрири нав қабул ва мавриди истифода қарор дода шуданд.

Мувофиқи нишондодҳои оморӣ оид ба ҷойивазкунии (ротатсияи) хизматчиёни давлатӣ давоми солҳои 2014-2023 теъдоди кадрҳои ротатсияшаванда аз 489 нафар (соли 2014) ба 169 нафар (соли 2023) расида, раванди мазкур тамоили пастравӣ дорад.

Бо мақсади таъмини болоравии мансабии хизматчиёни давлатӣ дар асоси дастовардҳои хизматӣ, қобилият, истеъдод ва тайёрии касбӣ, сари вақт ишғол намудани мансабҳои роҳбарикунанда Низомнома дар бораи захираи кадрҳои хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 январи соли 2010 ва аз 27 январи соли 2023 дар таҳрири нав қабул карда шуда, василаи кадрии мазкур ба талаботи имрӯзаи рушди хизмати давлатӣ мувофиқ гардонида шуд.

Тибқи маълумотҳои солҳои 2018-2023 аз ҳисоби ҳайати захираи кадрҳои мақомоти давлатӣ дар соли 2018 теъдоди 36 (мақомоти марказӣ-21, мақомоти маҳаллӣ-15), аз он зан-10 нафар, соли 2019 теъдоди 37 (мақомоти марказӣ-23, мақомоти маҳаллӣ-14), аз он зан-11 нафар, соли 2020 теъдоди 44 (мақомоти марказӣ-29 ва мақомоти маҳаллӣ-15) нафар, аз он зан-13, соли 2021 теъдоди 68 (мақомоти марказӣ-33, мақомоти маҳаллӣ-35), аз он зан-19 нафар, соли 2022 теъдоди 108 (мақомоти марказӣ 56, мақомоти маҳаллӣ 52), аз он зан-37 нафар ва дар нимсолаи якуми соли соли 2023 аз ҳисоби ҳайати захираи кадрҳои мақомоти давлатӣ 73, аз он зан-16 нафар ва дар маҷмӯъ давоми солҳои 2004-2023 теъдоди 1495 нафар ба мансабҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатӣ таъин карда шудаанд.

Дар шароити имрӯза дар баробари касбияту қобилиятнокии хизматчии давлатӣ, рафтору муошırати ӯ дар

ҷойи кор ва муносибати ӯ бо қишрҳои мухталифи ҷомеа ба шиносномаи мақомоти давлатӣ ва дар маҷмӯъ ба шиносномаи ниҳоди хизмати давлатӣ табдил ёфт.

Бо мақсади тақвияти масъулияти хизматчии давлатӣ ва самаранокии идоракунии хизмати давлатӣ ва дар маҷмӯъ ҷиҳати таҳкими обрую эътибори ниҳоди хизмати давлатӣ дар таҷрибаи Тоҷикистон маротибаи аввал соли 2004 Кодекси одоби хизматчии давлатӣ тасдиқ карда шуд. Дар минбаъда бинобар муҳимияти масъалаҳои одобу ахлоқ ва таҳкими танзими рафтори хизматӣ ва ғайрихизматии хизматчиёни давлатӣ солҳои 2010 ва 2015 Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон такмил дода шуда, бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 сентябри соли 2010, №932 ва дар таҳрири нав аз 3 декабри соли 2015, №591 қабул карда шуд.

Кодекси одоб аз маҷмуи меъёрҳо, принсипҳо ва қоидаҳои рафтори хизматӣ ва ғайрихизматии хизматчиёни давлатӣ иборат буда, сифатҳои ахлоқии фаъолияти касбӣ ва рафтори ӯро дар кор ва ҷомеа таҷассум намуда, ифодагари арзишҳои эътирофшудаи ахлоқи инсонӣ, талаботи маънавии ҷамъият нисбати хизматчии давлатӣ мебошад.

Дар соли 2007 барои хизматчиёни давлатӣ рутбаҳои тахассусӣ муқаррар карда шуд ва баъдан бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 апрели соли 2008, №443 Низомномаи тартиби ба хизматчии давлатӣ додани рутбаҳои тахассусӣ ба тасвиб расид.

Барои ташаккули механизми муносиби таъмини музди меҳнат ва татбиқиислоҳот дар системаи музди меҳнат, инчунин ҷиҳати ҳавасмандсозӣ ва батанзимдарории ҳифзи иҷтимоии кормандон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2008, №98 Консепсияи ислоҳоти музди меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.

Соли 2010 маротибаи аввал дар хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷадвали ягонаи тарифӣ ҷиҳати пардохти музди меҳнати хизматчиёни давлатӣ тасдиқ ва таҷриба гардид.

Сипас бо қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Тавсияҳо барои амалӣ намудани коэффитсиентҳои тарифии Ҷадвали ягонаи тарифии пардохти музди меҳнати хизматчиёни давлатии мақомоти таҷрибавии давлатӣ ва Низомномаи тартиби ҳисоб ва пардохти музди меҳнати хизматчиёни давлатии мақомоти таҷрибавии давлатӣ дар асоси Ҷадвали ягонаи тарифӣ тасдиқ карда шуданд. Аз соли 2011 тартиби мазкур дар тамоми мақомоти давлатӣ ҷорӣ гардид.

Ҳамчунин барои мушаххасгардонии уҳдадориҳои мансабии хизматчиёни давлатӣ ва бо ҳамин роҳ таъмин намудани самаранокии бештари фаъолияти онҳо ҷиҳати иҷрои ваколатҳои мақомоти давлатӣ мувофиқи қисми 2 моддаи 28 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» таҳия, тасдиқ ва истифодаи дастурамалҳои мансабии хизматчиёни давлатии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатмӣ дониста шуд.

Тибқи меъёри мазкур «Ӯҳдадориҳои мушаххаси хизматчии давлатӣ, ки аз ӯҳдадориҳои асосӣ бармеоянд, тибқи талаботи тахассусӣ муайян карда шуда, дар дастурамалҳои мансабие, ки аз тарафи роҳбарони мақомоти давлатии дахлдор тасдиқ карда мешаванд, инъикос мегарданд. Қоидаҳои таҳияи дастурамалҳои мансабии хизматчиёни давлатии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи мақомоти ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ тасдиқ карда мешаванд».

Маротибаи аввал Тавсияҳои методӣ оид ба тартиби таҳияи дастурамалҳои мансабии хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фармоиши Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2009, №2 «Дар бораи тасдиқи Тавсияҳои методӣ оид ба тартиби таҳияи дастурамалҳои мансабии хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия ва тасдиқ карда шуда, то соли 2011 амал дошт.

Минбаъд Қоидаҳои таҳияи дастурамалҳои мансабии хизматчиёни давлатии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо

фармоиши Агентии хизмати давлатӣ аз 12 майи соли 2011, №64 дар таҳрири нав тасдиқ ва мавриди истифода қарор дода шуд.

Ҳамчунин бо мақсади баланд бардоштани сатҳи касбӣ ва қобилияти кории хизматчиёни давлатии маъмурӣ ва таъмини мувофиқати онҳо ба мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ, Дастурамали талаботи тахассусӣ барои хизматчиёни давлатии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки меъёри асосии хоста гирифтан ва ҷобаҷогузории хизматчиёни давлатии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян менамояд, бо фармоишҳои Агентии хизмати давлатӣ аз 13 августи соли 2008, №4 ва дар таҳрири нав аз 24 августи 2011, №153 қабул ва мавриди истифода қарор дода шуданд, ки тибқи онҳо сатҳи талаботи тахассусӣ барои хизматчиёни давлатӣ муқаррар гардид.

Яке аз дастовардҳои даврони истиқлолияти кишвар дар соҳаи хизмати давлатӣ ин ташкили механизми таҳлил ва ҷамъбасти омори давлатӣ оид ба ва ҳайати миқдорӣ ва сифатии хизматчиёни давлатии шаҳрвандӣ ба шумор меравад, ки аз соли 2009 ҷорӣ гардид.

Дар робита ба ин охири ҳар семоҳа аз ҷониби Агентии хизмати давлатӣ ҳисоботи омори давлатии хизмати давлатии шаҳрвандӣ аз мақомоти давлатӣ дархост, коркард ва ҷамъбаст карда шуда, аз натиҷа маълумотҳои ҷамъбастӣ таҳия карда шуда, натиҷаҳои қобили таваҷҷуҳ қадрдонӣ ва натиҷаҳои тақозокунандаи чораҷӯӣ ба мақомоти дахлдори давлатӣ ҷиҳати баррасӣ ирсол карда мешавад.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ бо ибтикори бевоситаи Пешвои миллат баробар бо рушди соҳаи хизмати давлатӣ иштироки ду қишри асосии ҷомеа-бонувон ва ҷавонон дар идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ бо истифода аз роҳу усулҳои муосири тарбия ва ҷобаҷогузории кадрҳо тақвият ёфт, ки раванди он тавассути ҷамъбасти маълумотҳои оморӣ натиҷагирӣ карда мешавад.

Ба ҳолати 1 январи соли 2023 дар мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот теъдоди умумии бастҳои корӣ 21757 воҳидро ташкил дода, теъдоди хизматчиёни

давлатии амалкунанда 18549 нафар (85,2 фоиз) ва шумораи ҷойҳои холӣ 3208 адад (14,7 фоиз) мебошад.

Дар мақомоти марказӣ 11870 нафар (занон 2858 нафар ё 24,0 фоиз), мақомоти маҳаллӣ 3563 нафар (занон 1039 нафар ё 29,1 фоиз) ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот 3116 нафар (занон 606 нафар ё 19,4 фоиз) фаъолият доранд.

Занон дар хизмати давлатии шаҳрвандӣ дар маҷмӯъ 4503 нафар ё 24,2 фоизро ташкил дода, аз 5843 нафар ишғолкунандагони мансабҳои роҳбарикунанда 1115 нафар ё 19,0 фоиз занони роҳбар мебошанд.

Ҷиҳати татбиқи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 1999, №5 «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа» дар мақомоти давлатии сатҳи аввал ба ҳолати 1 апрели соли 2023 дар мақомоти марказӣ 5 нафар роҳбарони аввал ва 21 нафар муовинони роҳбарони вазорату идораҳо, дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ 5 нафар раисон ва 63 нафар муовини раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, дар мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот 60 нафар раисон ва 106 муовинони раисони ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот аз ҳисоби занон фаъолият доранд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки саҳми занон дар хизмати давлатии шаҳрвандӣ сол ба сол афзоиш меёбад. Агар теъдоди занон дар соли 2005 3612 нафар ё 22,3 фоизи хизматчиёни далатиро ташкил дода бошад, ин нишондод ба ҳолати 1 январи соли 2010 4359 нафар ё 24,6 фоиз, дар соли 2019 ба 4407 нафар ё 23,8 фоиз, дар соли 2020 4485 нафар ё 23,3 фоиз, дар соли 2021 4518 нафар ё 24,1 фоизи хизматчиёни давлатӣ баробар гардид.

Дар ҳайати роҳбарикунадаи хизмати давлатӣ бошад, теъдоди занон ба ҳолати 1 январи соли 2005 836 нафар ё 22,5 фоизи хизматчиёни давлатиро ташкил дода, ин нишондод дар соли 2010 ба 1020 нафар ё 18,7 фоиз, дар соли 2015 ба 1039 нафар ё 18,3 фоиз, дар соли 2019 ба 1047 нафар ё 18,5 фоиз, дар соли 2020 ба 1098 нафар ё 19,2 фоиз, дар соли 2021 ба 1113 нафар ё 19,3 фоиз, дар соли 2022 ба 1115 ё 19,0 фоизи хизматчиёни давлатӣ баробар шудааст.

Бо мақсади тақвияти иштироки бонувон дар хизмати давлатӣ бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 апрели соли 2017, №869 ба банди 37 Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ тағйирот ворид карда шуда, мувофиқи он аз натиҷаи суҳбат бо довталабон барои занон ва ҳамчунин мутахассисони ҷавоне, ки хизмати ҳарбиро тибқи даъват адо намуда, маротибаи аввал ба хизмати давлатӣ дар мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот қабул мегарданд, се холи иловагӣ муқаррар гардид.

Дар натиҷаи татбиқи имтиёзи мазкур дар соли 2017 81 нафар, соли 2018 74 нафар, соли 2019 94 нафар, соли 2020 141 нафар, соли 2021 176 нафар, соли 2022 234 нафар бонувон ба хизмати давлатӣ қабул карда шуданд.

Бо мақсади тақвият додани сатҳи донишҳои касбӣ ва маҳорати кории хизматчиёни давлатӣ ҳамасола аз натиҷаи ҳамкории Агентии хизмати давлатӣ, Академияи идоракунии давлатӣ, Кумитаи кор бо занон ва оила ва мақомоти давлатӣ занону духтарон ба курсҳои махсуси азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисос ҷалб карда мешаванд.

Аз ҷумла, бо мақсади татбиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 апрели соли 2017, №158 «Дар бораи Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2017-2022» аз соли 2019 инҷониб дар доираи ҳамкориҳои Агентии хизмати давлатӣ, Академияи идоракунии давлатӣ бо Бунёди Ҳаннс Зайдел курси омӯзишии дуалии 30 рӯза (дар 3 давраи 10-рӯза) аз рӯи барномаи «Зан-сарвар» барои тайёр кардани ҳайати роҳбарикунанда аз ҳисоби занони фаъолу лаёқатманди то 40-сола-хизматчиёни давлатии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ташкил карда шуда, дар ин давра курси мазкурро 177 нафар бонувон хатм намуданд.

Дар соли 2023 курси навбатии омӯзиши дуалӣ боз барои 48 нафар занони фаъолу лаёқатманд-хизматчиёни давлатии

мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои он, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва барои хизматчиёни давлатии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои ҳудуди он роҳандозӣ гардид.

Масъалаи тарбияи кадрҳои болаёқату соҳибистеъдод аз ҳисоби ҷавонон низ аз оғози соҳибистиқлолии Тоҷикистон ҳамчун яке масъалаҳои калидии давлатсозӣ пайваста дар меҳвари сиёсати созандаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Дар раванди ташаккули ниҳоди хизмати давлатӣ маҷмӯи чорабиниҳо барои фароҳам овардани заминаҳои мусоиди ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ҷиҳати таҳкими саҳми ҷавонон дар идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ, ҷалб ва иштироки ҷавонон дар хизмати давлатӣ роҳандозӣ гардидаанд.

Соли ҷавонон эълон доштани соли 2017 идомаи иқдомҳои шоёни  Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати дастгирии ин қишри оияндасози ҷомеа буда, ташабуси мазкур ба соҳаи хизмати давлатӣ таъсири мусбӣ гузошт.

Чунончи агар ҳиссаи ҷавонони то 35-сола дар хизмати давлатии шаҳрвандӣ ба ҳолати 1 январи соли 2009 6586 нафар ё 35,4 фоизи  хизматчиёни давлатиро ташкил диҳад, ин нишондод дар соли 2012 ба 7620 нафар ё 41,2 фоиз, дар соли 2015  ба 8205 нафар ё  43,4 фоиз, дар соли 2018 ба 8725 нафар ё 45,6, дар соли 2020 ба 9095 нафар ё 47,3 фоиз, дар соли 2021 9128 нафар ё 48,8 фоиз, дар соли 2022 9160 нафар ё  49,3 фоиз баробар шудааст.

Дар мансабҳои роҳбарикунанда бошад, теъдоди ҷавонони то 35-сола дар соли 2013 1222 нафар ё 22,1 фоиз, дар соли 2017 1496 нафар ё 25,6 фоиз, дар соли 2021 1609 нафар ё 27,9 фоиз, дар соли 2022 1631 нафар ё 27,9 фоизи хизматчиёни давлатӣ расидааст.

Тибқи талаботи моддаи 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» таҳсили хизматчиёни давлатӣ дар муассисаҳои таълимии олӣ ва миёнаи касбӣ амалӣ карда шуда, он дар шакли тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ, такмили

ихтисос ва таҷрибаомӯзӣ сурат мегирад. Тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ дар асоси таҳлил ва ҷамъбасти эҳтиёҷот ба таҳсил, ки аз ҷониби Агентии хизмати давлатӣ гузаронида мешавад, бо пешниҳоди мақомоти давлатӣ дар Академияи идоракунии давлатӣ роҳандозӣ карда мешавад.

Бо мақсади ташкили азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзии хизматчиёни давлатӣ, баланд бардоштани савияи дониши хизматчиёни давлатӣ ва тақвият бахшидани саҳми онҳо дар самаранокии идоракунии давлатӣ, бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 октябри соли 2002, №926 дар низоми идоракунии мақоми ваколатдори соҳаи хизмати давлатӣ Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Ҳамзамон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2003, №514 «Стандарти давлатии таҳсилоти иловагии касбии хизматчиёни давлатӣ» ҳамчун заминаи асосии роҳандозии ин шакли фаъолият қабул карда шуда, соли 2004 аввалин курсҳои такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ дар Донишкадаи мазкур баргузор гардиданд.

Марҳилаи навбатии рушди хизмати давлатӣ ва идоракунии давлатии муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозо мекард, ки барои тайёр намудани теъдоди бештари кадрҳои баландихтисос ва дорои донишҳои баланди касбӣ ва малакаи муносиби корӣ шароит фароҳам оварда шавад.

Бо ин мақсад Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фармони Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 августи соли 2013, №1502 ба Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баъдан бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 феврали соли 2020, №1463 ба Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуд.

Ҳоло ҳамасола зиёда аз 2000 хизматчиёни давлатӣ бо маблағгузории давлатӣ дар Академияи идоракунии давлатӣ ба курсҳои азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзӣ фаро гирифта мешаванд.

Дар маҷмӯъ давоми солҳои 2004-2022 теъдоди 28961 нафар хизматчиёни давлатӣ, аз ҷумла 8479 нафар занон ба курсҳои мазкур ҷалб карда шуданд.

Илова бар ин, шурӯъ аз соли 2013 аз ҷониби Агентии хизмати давлатӣ дар ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ гузаронидани омӯзишҳои идоравиро дар мақомоти давлатӣ роҳандозӣ менамояд.

Дар баробари ин Агентии хизмати давлатӣ дар самти таҳсили хизматчиёни давлатӣ, омӯзиши таҷрибаи дигар давлатҳо ва табодули таҷриба ҳамкориҳои судмандро бо Академияи хоҷагии халқ ва хизмати давлатии назди Президенти Федератсияи Россия, Шабакаи минтақавии соҳаи хизмати давлатии Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон, Агентии Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба корҳои хизмати давлатӣ ва муқовимат бо коррупсия, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон, Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Беларус, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Бунёди Ҳаннс Зайдели Олмон, Маркази ҳамкориҳои байналмилалии Япония (JICA) ва ғайраҳо роҳандозӣ менамояд.

Робитаҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Япония вобаста ба омода намудани мутахассисони кишвари мо дар доираи ҳамкориҳои Агентии хизмати давлатӣ бо Маркази ҳамкориҳои байналмилалии Япония (JICE) ҷиҳати ба донишгоҳҳои Япония (курсҳои магистрӣ ва докторӣ) ба таҳсил фиристодани

хизматчиёни давлатӣ, бо мақсади рушди захираҳои инсонӣ ва омода намудани кадрҳои баландихтисос аз соли 2009 инҷониб роҳандозӣ карда мешавад.

Дар ин замина, бо мақсади татбиқи самарабахши ҳамкориҳои мазкур дар асоси дастури Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 июни соли 2009, №151487(18-10) дар ҳайати намояндагони ҷониби Тоҷикистон (3 нафар) ва Япония (2 нафар) Комиссияи идоракунии Лоиҳаи пешниҳоди стипендияҳо барои омодасозии кадрҳо (Лоиҳаи JDS) дар Тоҷикистон таъсис дода шудааст.

Фаъолияти Комиссияи зикргардида барои ҷалбу интихоби довталабон ба магистратура ва докторантураи донишгоҳҳои Япония нигаронида шуда, хизматчиёни давлатӣ ва кормандони ташкилотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Донишгоҳи Осиё ва Уқёнуси Ороми Ритсумейкан, Донишгоҳи байналмилалии Япония, Донишгоҳи Хиросима (аз соли 2009), Донишгоҳи Ритсумейкан ва Донишгоҳи Акита (аз соли 2020) ба таҳсил фиристода мешаванд.

Бо назардошти татбиқи муваффақонаи Лоиҳаи JDS масъалаи рушди ҳамкориҳои Тоҷикистону Япония дар самти омода намудани кадрҳо зимни сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Япония моҳи октябри соли 2018 мавриди таваҷҷуҳи ҳар ду ҷониб қарор гирифт.

Теъдоди бурсияҳо аз соли 2009 -5 адад, аз соли 2017- 8 адад, аз соли 2018-13 адад ва аз соли 2020 ба 16 адад, аз ҷумла 15 бурсия барои магистратура ва 1 бурсия барои докторантура расонида шуд.

Дар доираи ҳамкориҳои мазкур солҳои 2009-2023 121 (зан-23) нафар намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳсил ба магистратура ва докторантураи донишгоҳҳои Япония фиристода шуда, 79 (зан-12) нафар таҳсилро хатм намуда, аз онҳо 33 (зан-3) нафар ё 41,7 фоиз аз мансаби то таҳсил ишғолнамуда аз 1 то 6 категория боло фаъолият доранд.

Айни замон таҳсили 42 нафар (41 нафар дар магистратура ва 1 нафар дар докторантура) идома дорад.

Бо мақсади идомаи ҳамкориҳо дар самти омода намудани кадрҳо аз ҳисоби хизматчиёни давлатӣ ва кормандони ташкилотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиби муқарраргардида даври чоруми ҳамкориҳо барои солҳои 2020-2023 ҷамъбаст карда шуда, даври навбатии ҳамкориҳо барои солҳои 2024-2027 оғоз мегардад.

Санаи 15 майи соли 2009 дар доираи сафари ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳри Мюнхени Олмон Созишнома байни Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бунёди Ҳаннс Зайдел оид ба ҳамкориҳо ба имзо расид.

Мувофиқи созишномаи мазкур аз соли 2009 инҷониб бо дастгирии Бунёди Ҳаннс Зайдели Олмон дар Академияи идоракунии давлатӣ барои хизматчиёни давлатӣ магистратураи яксола бо ихтисоси «Идоракунии давлатӣ» ташкил карда шуд.

Дар натиҷаи ҳамкориҳои Агентии хизмати давлатӣ, Академияи идоракунии давлатӣ ва Бунёди Ҳаннс Зайдел давоми солҳои 2010-2023 магистратураи мазкурро 879 (зан-251) нафар хизматчиёни давлатӣ, аз ҷумла, аз мақомоти марказӣ 423 (зан-113) нафар ва аз мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ 456 (зан-138) нафар, аз он 58 (зан-17) нафар кормандони мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот хатм намуда, таҳсили 60 (зан-18) нафар идома дорад.

Ҳамчунин аз соли 2020 то имрӯз 156 (зан-31) нафар хизматчиёни давлатӣ дар баробари кор ба курси магистратураи дусола бо ихтисоси «Идоракунии давлатӣ» фаро гирифта шуда, аз он 92 нафар курсҳои мазкурро хатм намуда, таҳсили 64 нафар идома дорад.

Бо ҳамин тартиб ҳамкориҳои байналмилаии Агентии хизмати давлатӣ бо сохторҳои дахлдори Қазоқистон, Корея, Туркия, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Нидерланд ва дигар давлатҳо ба роҳ монда шудааст.

Хулоса кардан мумкин аст, ки имрӯз қонунгузории хизмати давлатии Тоҷикистон бо давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон шабеҳ ва дар баъзе ҳолатҳо ҳатто бартарӣ дорад. Самтҳои асосии

фаъолияти хизмати давлатии Тоҷикистон ба амалияи давлатҳои пешрафта мувофиқат мекунанд.

Бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис додани Агентии хизмати давлатӣ ва Академияи идоракунии давлатӣ, ташаккули хизмати давлатии касбӣ ва афзоиши ҷолибияти он, фароҳамсозии заминаҳои мусоиди меъёрии ҳуқуқӣ фаъолияти ниҳоди хизмати давлатӣ, баланд бардоштани самаранокии хизмати давлатӣ, омода намудани мутахассисони касбии соҳаи идоракунии давлатӣ дастовардҳои асосииислоҳоти хизмати давлатии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ маҳсуб мегарданд.

Нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккул ва рушди хизмати давлатӣ асосӣ ва ҳалкунанда буда, бо ҳидоятҳои раҳнамоикунандаи Президенти Ҷумҳуриии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пояҳои мустаҳками хизмати давлатии касбии Тоҷикистон бунёд гардида, барои рушди минбаъдаи он роҳ кушода шуд.

Вале рушди ҷомеа, падидаҳои мураккаби ҷаҳони муосир дар назди хизмати давлатӣ ва хизматчии давлатӣ вазифаҳои нав ва пурмасъулиятро гузоштааст, ки аз иҷрои онҳо рушди устувори ҷомеа, баландшавии сатҳ ва сифати зиндагии мардум вобаста аст.

Дар яке аз ҳидоятҳои худ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намуданд, ки «хизматчиёни давлатӣ бояд ҳамеша дар хотир дошта бошанд, ки савганди ёдкардаи Президенти мамлакат нафақат ба Роҳбари давлат, балки ба ҳар кадоми онҳо низ дахл дорад».

Хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин рисолати худро дарк намуда, таҳти сиёсати дурбинонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ватан ва халқи Тоҷикистон барои пешрафту шукуфоии кишвари азизамон содиқона хизмат хоҳанд кард.